**Ҳ и с о б о т**
**оид ба натиҷаи фаъолияти Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари**
**Тоҷикистон дар соли 2021**

**Сарсухан**

Баргузории чорабиниҳои зиёди сатҳои гуногун оид ба масъалаҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай ва Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар шаҳри Душанбе, ки соли 2021 раисии онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дошт, пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021 ва пойтахти фарҳангии ИДМ "Иттиҳод-2021" эълон шудани шаҳри Душанбе дар ташаккули фарҳангу маданият ва ҳамкориҳои давлатҳои аъзо аҳамияти хоса касб менамояд. Маврид ба зикр аст, ки Барномаи байнидавлатии "Пойтахтҳои фарҳангии Иттиҳод", яке аз лоиҳаҳои калидии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буда, бо мақсади муаррифии фарҳангу тамаддун, имкониятҳои сайёҳӣ, тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва таҳкими ҳар чӣ бештари зарфиятҳои фарҳангии давлатҳои мазкур ҳамчун майдони зеҳнию эҷодӣ, ғояи фазои ягонагии фарҳангӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо роҳандозӣ карда шудааст.

Ҳамчунин дар таърихи 21 декабри соли 2021 баргузор гардидани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро муайян карда, натиҷаҳои корҳои анҷомёфтаро дар соли 2021 таҳлилу баррасӣ намуда, вазифаҳоро барои соли 2022 муайян намуд. Пешвои миллат дар Паёмашон зикр намуданд, ки дар панҷсоли оянда як миллион нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ бояд соҳиби касб гардонида шаванд ва ҷиҳати ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолии кишвар танҳо дар доираи нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ва созандагӣ ба муносибати 30-солагии истиқлолияти давлатӣ дар се соли охир зиёда аз 25 ҳазор иншооту биноҳои истеҳсоливу иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Раванди бомаром дар фазои созандагиву бунёдкорӣ сазовор ҷашн гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми гӯшаву канори шаҳру ноҳияҳои мамлакат кормандон, аъзоён ва волонтёрони ҶҲАТ-ро водор месозад, ки ҳамқадами замон буда, барои дар сатҳи баланди касбӣ амалӣ намудани вазифаҳои оинномавӣ ва уҳдадориҳои мансабии худ нақши муассирро бозанд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ) бо дарки масъулият дар доираи сиёсати бунёдкоронаю созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» ва Оинномаи Ҷамъият фаъолият намуда, ҳамчун мақоми мустақили мададгори мақомоти давлатӣ дар амалӣ намудани фаъолияти башардӯстона тибқи Стратегияи рушди ҶҲАТ барои солҳои 2021-2025 як қатор чорабиниҳои мушаххасро ба анҷом расонидааст.

Ҷиҳати пешбурди самти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва густариши муносибатҳои мутақобилан судманд бо назардошти пандемияи бемории коронавирус (COVID-19) Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон бо Федератсияи байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар (ФБҶСCваҲА), Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх (КБСС), Ҷамъиятҳои миллии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмари кишварҳои хориҷӣ аз ҷумла: Салиби Сурхи Олмон, Италия, Испания, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҳилоли Аҳмари Давлати Қувейт, Ҳилоли Аҳмари Туркия, Ҳилоли Аҳмари Қатар, Ҳилоли Аҳмари Аморати Муттаҳидаи Араб ва Маркази хайриявии Шоҳ Салмони Арабистони Саудӣ ҳамкориҳоро ҷиҳати тақвият бахшидан ба муносибатҳои тарафайн хуб ба роҳ монда шудаанд. Дар давраи ҳисоботӣ вохурии котиби генералии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон бо сардори намояндагии КБСС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ангелина Шапп оид ба густариши ҳамкориҳо баргузор гардид. Ҳамчунин, моҳи сентябри соли 2021 роҳбари Намояндагии минтақавии ФБҶСCваҲА дар Осиёи Марказӣ хонум Севал Гузелкилинк ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд. Хонум Севал Гузелкилинк зимни ташрифи худ бо фаъолияти ҶҲАТ шинос гардида, дар таҳияи нақшаи Намояндагии ФБҶСCваҲА барои соли 2022 саҳм гирифтанд.

**Муқаррароти умумӣ**

Бо мақсади таъмини фаъолияти бонизом ва самарабахши ҶҲАТ дар дастгоҳи иҷроияи кумитаи марказии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон Конференсияҳои марказӣ ва анҷумани 22 -юм ва Анҷумани ғайринавбатии 23 -юми ҶҲАТ бо иштироки аъзоён ва кормандони Ҷамъият баргузор гардид. Дар Анҷумани ҶҲАТ ҳайати аъзои Конференсияи марказии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, ки муҳлати ваколати онҳо ба итмом расида буданд, аз нав интихоб гардиданд, Стратегияи рушди ҶҲАТ барои солҳои 2021 - 2025 тасдиқ гардид, Низомнома дар бораи тартиби интихоб ва таъин намудани номзадҳо ба мақомоти роҳбарии ҶҲАТ тасдиқ гардид. Бо мурури вақту замон ва рушди ҷомеа, пешравии техникаю технология ва дар ин замина қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав ва соҳавӣ зарурияти ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ба миён омада буд. Бинобар ин, дар Анҷумани ғайринавбатии 23 - юми ҶҲАТ ба Оинномаи Ҷамъият тағйироту илова ворид карда шуданд. Илова бар ин, ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2011, №504 «Дар бораи тасдиқ намудани тартиб, шарт ва мӯҳлати гузаронидани Моҳвораи Ҳилоли Аҳмар» қарори Конференсияи марказии ҶҲАТ «Дар бораи тасдиқи нақша-чорабиниҳои Моҳвораи ҶҲАТ барои соли 2021» қабул гардид. Ҳамчунин, буҷети ҶҲАТ ва филиалҳои он барои соли 2021 таҳия ва тасдиқ гардиданду буҷаи лоиҳаҳо ва нақшаи кории Дастгоҳи иҷроияи КМ ҶҲАТ ва дигар ҳуҷҷатҳо таҳия ва тасдиқ карда шуданд. Дар соли 2021 13 лоиҳаҳои қарорҳои Анҷумани ҶҲАТ (6 адад – дар соли 2020) ва Конференсияҳои марказии ҶҲАТ дар соли 2021 - 8 адад (21 адад дар соли 2020) таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Дар соли 2021 ҷамъи гардиши ҳуҷҷатҳо 499 (соли 2020 - 380) адад ба қайд гирифта шуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 119 адад зиёд мебошад. Аз онҳо 211 адад мактубҳои воридотӣ (соли 2020 - 144 адад) нисбат ба соли гузашта 67 адад зиёд ва 288 адад мактубҳои содиротӣ (соли 2020-236 адад) нисбат ба соли гузашта 52 адад зиёд мебошад, 448 адад арзу мурочиати шаҳрвандон (соли 2020 -

126 адад) нисбат ба соли гузашта 322 адад зиёдтар мебошад. Аз аризаҳои шаҳрвандон 425 ариза қаноатбахш карда шуда, 14 ариза мавриди баррасӣ қарор дода шуда,9 ариза ба таври фаҳмонидадиҳӣ ҳал гардид.

Ҳамчунин, аз тарафи шуъбаҳо ва филиалҳо ба воситаи шуъбаи коргузорӣ ва назорат 503 адад дархостҳо ва гузоришҳои кормандон (соли 2020 - 430 адад) нисбат ба соли гузашта 73 адад зиёд, барои баррасӣ ва маълумот бақайд гирифта шудаанд. Ҳамаи муроҷиатҳои воридгардида тибқи "Дастурамали коргузорӣ дар Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ" баррасӣ гардида, ба муаллифонашон ҷавобҳои мушаххас ирсол карда шуд.

Дар соли 2021 14 адад (соли 2020 - 7 адад) фармоишҳои Котиби генералӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳамзамон, дар соли сипаригашта 284 адад фармоишҳои Котиби генералии ҶҲАТ оид ба масъалаи кадрӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 34 адад оид ба таъинот, 48 адад оид ба вогузор, 5 адад оид ба гузариш, 9 адад оид ба аз кор озод намудан, 50 адад оид ба рухсатиҳои меҳнатӣ, 5 адад оид ба додани рухсатиҳои иҷтимоӣ, 5 адад оид ба додани рухсатии бемузди меҳнатӣ, 1 адад оид ба эълон намудани татбиқи муҷозоти интизомӣ ва 127 адад оид ба сафарҳои хизматӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки лоиҳаҳои феълан татбиқшаванда асосан ба дастгирии ниёзмандон, расонидани ёрии аввали тиббӣ, вокуниши саривақтӣ аз ҳолатҳои фавқулода, пешгирӣ аз офатҳои табиӣ, ҷалби ҷавонон барои паҳнкунии маълумот дар бораи ҳуқуқҳои байналмилалии башардӯстӣ, принсипу арзишҳои Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, корҳои иттилоотӣ ва фаҳмондиҳӣ ва дигар самтҳо равона карда шуда бошанд ҳам, мақсади ниҳоияшон зиёдкунии шумораи аъзоён, волонтиёрон ва ташкилотҳои ибтидоӣ мебошанд.

Дар соли 2021 дар ҶҲАТ 18 барномаву лоиҳаҳо (дар соли 2020 - 15 адад) фаъолият намуданд. Дар айни замон, ҶҲАТ оид ба ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти Оинномавии ҶҲАТ ва густариши ҳамкориҳои судманд бо вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази миллии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо», Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), САҲА, Раёсати СММ дар умури паноҳандагон ва аъзоёни гуруҳи РЕАКТ ҳамкориҳоро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда бо аксарият Созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст ва бо дигар вазорату идораҳоӣ дахлдори кишвар аз он ҷумла бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаҳои оид ба дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, телевизион ва радио, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор доранд.

**Фаъолияти шуъбаи ҳолатҳои фавқулода**

Омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии фаъолият ба ҳисоб рафта, ҳамеша дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва

мудофиаи гражданини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд дар ҳама сатҳҳо ба роҳ монда шудааст.

Сохтори ҶҲАТ оид ба идоракунӣ дар ҳолатҳои фавқулода 11 Марказҳои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаро (МВҲФ) дарбар мегирад, ки дар саросари Тоҷикистон воқеъ гаштаанд:

1. Сатҳи ҷумҳуриявӣ: шаҳри Душанбе;
2. Сатҳи вилоятӣ: шаҳрҳои Хуҷанд, Хоруғ ва Бохтар;
3. Сатҳи минтақавӣ: шаҳри Кулоб ва ноҳияи Рашт;
4. Сатҳи шаҳрӣ\ноҳиявӣ: Панҷакент, Исфара, Айнӣ, Ванҷ ва Ишкошим.

Айни ҳол, дар анборҳои МВҲФ-и ҶҲАТ ба ҳисоби миёна барои зиёда аз 1 000 оила бастаи маводҳои ғайрихӯрока ва 778 хайма захира карда шудааст. Дар ҳамин давраи ҳисоботӣ дар анборҳои МВҲФ-и ҶҲАТ ба ҳисоби миёна барои зиёда аз 750 оила бастаи маводҳои ғайрихӯрока ва 729 хайма захира карда шуда буд.

Мувофиқи таҳлилҳои шуъбаи ҳолатҳои фавқулодаи ҶҲАТ, айни ҳол дар анборҳои МВҲФ вазъи захираи маводҳои ғайрихӯрока, ки барои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода пешбинӣ карда шудаанд, ташвишовар мебошад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки солҳои охир таваҷҷӯҳи шарикони рушд дар масъалаи харидории маводҳои ғайрихӯрока барои анборҳои МВҲФ бо мақсади омода намудани онҳо ба ҳолатҳои фавқулода, кам гаштааст.

Бо мақсади рушди ҳамкориҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Маркази миллии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо», Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, шарикони рушд, Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), САҲА, Раёсати Комиссари Олии СММ дар умури паноҳандагон (UNHCR) ва дигар аъзоёни гурӯҳи РЕАКТ, Ҷамъиятҳои миллии СС ва ҲА, шуъбаи ҳолатҳои фавқулодаи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ҳамкориҳоро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондааст.

Бо мақсади густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо вазорату кумитаҳо ва муассисаҳои давлатӣ дар самти омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, санаи 13 августи соли 2021 Созишнома байни Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон доир ба ҳамкорӣ ва фаъолияти башардӯстона ба мӯҳлати панҷ сол ба имзо расонида шудааст.

Тибқи маълумоти расмии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 дар қаламрави ҷумҳурӣ зиёда аз 358 ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ дошта ба қайд гирифта шудааст, ки ба иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳои мамлакат зарари ҷиддӣ расонида, маблағи умумии зарар 141 млн 984 ҳазору 500 сомониро ташкил медиҳад, ки дар натиҷа 42 нафар шаҳрвандон ба ҳалокат расиданд.

Дар ҳамин давраи ҳисоботии соли 2020 дар қаламрави ҷумҳурӣ ҳамагӣ 213 ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ дошта ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин шумора 25 ҳолаташ ба иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо зарар оварда расонида, маблағи он 58 млн 911 ҳазору 400 сомониро ташкил медиҳад, дар 8 ҳолатҳои ба вуқуъ омада, 8 нафар шаҳрвандон ба ҳалокат расиданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки давоми соли 2021 асосан офатҳои табиӣ ба монанди боришоти барфи зиёд, фаромадани ярч, тарма, сангреза, жола, боришоти борони зиёд ва омадани сел ва кандашавии қабати замин (эрозия) ба қайд гирифта шудааст.

Дастгирии шахсони ниёзманд яке аз ҳадафҳои асосии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, Ҷамъият ҳамеша мекӯшад барои дастгирии онҳо мусоидат намояд.

Бо дастгирии шарикони рушди Ҷамъият, яъне Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, намояндагии Хазинаи кӯдакони Созмони Миллали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон, Салиби Сурхи Олмон ва Занони Созмони Миллали Муттаҳид лоиҳаҳои дахлдор оид ба пешгирии коронавируси нав (COVID-19) дастгирӣ ва роҳандозӣ карда шудаанд.

Мақсад ва моҳияти асосии лоиҳаҳои мазкур ин бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиботӣ байни аҳолӣ ва хонандагони муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати пешгирӣ аз сироятёбии коронавируси нав (COVID-19) ба ҳисоб меравад.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон бо таҷрибаи зиёде, ки дар самти кор бо аҳолии маҳал ва мактаббачагонро дорад, аз оғози тирамоҳи соли 2020 лоиҳаи "Омодагӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ бо мақсади пешгирии сироятёбӣ аз коронавируси нав COVID-19" дар Тоҷикистонро мавриди амал қарор додааст.

Лоиҳаи мазкур бо кӯмаки техникии Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар 15 шаҳру ноҳияҳои мақсадноки мамлакат амалӣ гардид. Дар иҷрои лоиҳа Бунёди мадади Шоҳигарии Британияи Кабир, Вазорати федеролии ҳамкории иқтисодӣ ва рушди Олмон, ҷамъиятҳои Салиби Сурхи Канада ва Белгия низ мусоидат намуданд.

Дар баробари иттилоъ додан доир ба роҳҳои пешгирӣ аз сироятёбӣ ва муҳим будани гигиена, дастрасӣ ба маводи беҳдоштиро низ ба инобат гирифтан лозим аст. Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон бо назардошти он ки беморони сил ва ВНМО аз шумори қишрҳои осебпазир мебошанд, дар чаҳорчӯбаи лоиҳа ба 1 000 нафар дар саросари Тоҷикистон дар чор марҳила бастаҳои беҳдоштӣ тақсим намуд. Дар ин бастаҳо собун, сачоқ, шампун, хокаи  ҷомашӯӣ, маводҳои безараркунӣ ва ниқобҳои тиббӣ ворид буданд.

Тақсими 400 мошинаҳои дарздӯзӣ ба занони ниёзманд самти дигари фаъолият дар чаҳорчӯбаи ин тарҳ мебошад, ки  бо дастгирии молиявии Вазорати федеролии ҳамкории иқтисодӣ ва рушди Олмон (Federal Ministry for Economic Cooperation and Development, BMZ) амалӣ карда шудааст.

Баҳрагирандагони тарҳи мазкур, ки дар асоси рӯйхати тартибдодаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шуъбаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вобаста ба ниёзмандӣ баробари мошинаҳои дарздӯзӣ маводи дигари дӯзандагӣ, аз ҷумла матоъ ва сӯзану ришта гирифтанд.

Беморони сил яке аз қишрҳои мавриди ҳадафи ин лоиҳа мебошанд ва дар чаҳорчӯбаи ин лоиҳа ба онҳо бастаи беҳдоштӣ дар чор марҳила дастрас карда шудааст.

Ҳамзамон, дар доираи фаъолияти лоиҳаи мазкур тақсимоти бастаи маводҳои хӯрока ба оилаҳои ниёзманд ва беморони диабети қанд дар ду марҳила анҷом дода шудааст. Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи мазкур, ба 2 800 нафар чунин маводи хӯрокворӣ

дода шуд. Кӯмаки мазкур барои ҳар як оила аз 50 кг орд, 5 литр равғани растанӣ ва донагиҳо иборат мебошад.

Инчунин, ҷиҳати омодагии доимӣ оид ба пешгирии бемории “COVID-19” ва иҷрои саривақтии фаъолиятҳои пешбинишудаи лоиҳа, ба бахшҳои Ҷамъият дар 15 шаҳру ноҳияҳои мақсадноки мамлакат маҳлулҳои антисептикӣ, ниқобҳои муҳофизатии тиббӣ, лавозимоти тиббӣ ва муҳофизатӣ, пешдоман, маводҳои конселярӣ ва иттилоотӣ равон карда шудааст.

Бо мақсади  дастгирии оилаҳои ниёзманди мамлакат, Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон бо дастгирии Маркази имдод ва корҳои башардӯстонаи Малик Салмони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, дар арафаи моҳи шарифи Рамазон ба оилаҳои ниёзманди ҳашт шаҳру ноҳияҳои мақсадноки вилояти Хатлон ва инчунин шаҳри Душанбе дасти кӯмак дароз намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар доираи ин кӯмак ба 9,331 (нӯҳ ҳазору сесаду сиву як) оилаҳои ниёзманд, аз ҷумла ноҳияҳои Ҳамадонӣ 900 (нӯҳсад) оила, Муъминобод 900 (нӯҳсад) оила, Ховалинг 1,000 (ҳазор) оила, Фархор 1,000 (ҳазор) оила, Темурмалик 1,000 (ҳазор) оила, Ҷайҳун 1,000 (ҳазор) оила, Ҷалолиддини Балхӣ 900 (нӯҳсад) оила, шаҳри Кулоб 1,000 (ҳазор) оила ва шаҳри Душанбе 1,631 оилаҳои ниёзманд ва хона-интернатҳо кумаки хайриявӣ дар шакли маводҳои хӯрока дастрас карда шудааст.

Кумаки мазкур барои ҳар як оила аз 50 кг орд, 3 литр равғани растанӣ, 3 кг биринҷ, 3 кг шакар, 3 кг макарон, 3 кг лӯбиё, 3 кг наск,   0,5 кг чойи хушк ва 1 кг намак, иборат мебошад.

Хариди тамоми маводҳои хӯрока аз ҷониби намояндагони Маркази имдод ва корҳои башардӯстонаи Малик Салмони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва Сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда шуда, тақсимоти онҳоро ба оилаҳои ниёзманди шаҳру ноҳияҳои мақсаднок Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон аз санаи 7 то 20 апрели соли 2021 таввасути кормандон ва волонтёрони худ анҷом дода шуд.

Ҳамзамон, дар шаҳри Душанбе аз миқдори муайяншудаи кумак, яъне 1631 баста, 400 баста барои хона-интернатҳои шаҳри Душанбе пешбинӣ шуда буд, боқимонда 1231 баста ба оилаҳои ниёзманд ва шахсони имконияташон маҳдуди 4 ноҳияи шаҳри Душанбе дастрас карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳангоми тақсимоти мақсадноки кумакҳо ба эҳтиёҷоти шаҳрвандони ниёзманд бо ба инобат гирифтани принсипҳои фаъолияти Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» пешбинӣ намудааст, аҳамият дода, шаффофият ва самаранокӣ таъмин карда шудааст.

Тақсимоти кумакҳои башардӯстона тибқи рӯйхатҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои мақсаднок ба табақаи ниёзманди мамлакат ба роҳ монда шудааст.

Раванди тақсимоти кумакҳои башардӯстона бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои мақсаднок ва Сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, анҷом дода шудааст.

Интиқоли тамоми маводҳои хӯрока аз тарафи Ҷамъият тибқи тартиби муқараргардида ва дар мувофиқа бо намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, аз тарафи ширкати ватанӣ амалӣ карда шудааст.

Ҳафтаи дуюми моҳи майи соли 2021 боронгариҳои шадид боиси селу обхезӣ ва кӯчиши замин дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон гардиданд. Махсусан, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, аз ҷумла, Кӯлоб, Шамсиддини Шоҳин, Ёвон, Дӯстӣ, Вахш, Мӯъминобод ва Абдураҳмони Ҷомӣ зарар диданд.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марги 9 нафар дар натиҷаи офатҳои табиӣ, хароб гардидани 907 манзили истиқоматӣ, ва бе сарпаноҳ мондани оилаҳо хабар дод. Бино бар арзёбиҳои аввалия, офатҳои табиӣ ба ҳаёти ҳадди ақал 25,010 нафар таъсир расониданд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон бо истифода аз Бунёди вижаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаи Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар (DREF), кӯмаки башардӯстона дар намуди маводҳои ғайрихӯрока ба 357 оилаи осебдида (1785 нафар) ироа намуд. Бино бар арзёбиҳо, оилаҳои осебдида дар Кӯлоб, Восеъ, Вахш ва Абдураҳмони Ҷомӣ бо кӯмак фаро гирифта шуданд. Ин кӯмак аз лиҳози бистар, кампал, болишт, рахти хоб, бел, каланд, маводҳои ошхона ва гигиенӣ, сатил ва зарфи обгирӣ иборат буд.

Илова бар ин, маблағи нақдӣ ба 74 оилаи осебдида (370 нафар) дастрс карда шуда, тақрибан, 11,184 нафар дар маҳалҳои зарардида бо паёмҳои риояи беҳдоштӣ ва тақсимоти баргаҳои иттилоотӣ фаро гирифта шуданд. Фаъолиятҳои мазкур барои се моҳ пешбинӣ шуда буданд.

Оилаҳое, ки бо кӯмаки нақдӣ фаро гирифта шуданд, кӯмаки яквақтинаи пулӣ ба миқдори 200 (дусад) франки швейтсарӣ сари як оила (тибқи қурби расмии Бонки милии Тоҷикистон нисбат ба сомонӣ дар санаи пардохт) дарёфт намуданд.

Дар доираи кӯмакҳои мазкур, ба оилаҳое, ки бештар аз ҳама зарар дидаанд ва ё манзилҳои истиқоматиашонро аз даст додаанд, инчунин оилаҳое, ки саробонашон зан, шахсони пиронсол, кӯдакони хурдсол ва оилаҳое, ки бо дастгириҳои дигар ниҳодҳои дахлдор фаро гирифта нашудаанд, кӯмак расонида шудааст.

Санаи 9-юми майи соли 2021, дар марҳилаи аввали тақсимот ба 15 оилаи осебдидаи ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ тибқи рӯйхати тасдиқгардидаи Комиссияи дахлдори давлатӣ маводи ғайрихӯрока дастрас карда шуд.

Санаи 17-уми майи соли 2021 ба 80 оилаи осебдидаи ноҳияи Вахш тибқи рӯйхати тасдиқгардидаи Комиссияи дахлдори давлатӣ маводи ғайрихӯрока дода шуд.

Санаи 23-юми майи соли 2021 ба 110 оилаи осебдидаи ноҳияи Восеъ тибқи рӯйхати тасдиқгардидаи Комиссияи дахлдори давлатӣ маводи ғайрихӯрока дода шуд.

Санаи 29-юми майи соли 2021 ба 152 оилаи осебдидаи шаҳри Кӯлоб тибқи рӯйхати тасдиқгардидаи Комиссияи дахлдори давлатӣ маводи ғайрихӯрока дода шуд.

Санаи 28 апрели соли ҷорӣ дар марзи байни Тоҷикистону Қирғизистон даргирии мусаллаҳона сурат гирифта, дар натиҷаи он даҳҳо нафар аз ду тараф бар асари тирборон ҳалок ва ҷароҳат бардоштанд. Мунокиша дар ҷамоатҳои Чоркӯҳ, Воррух, Сурх ва деҳаҳои Чорбоғ, Сурх, Тоҷикон, Хоҷаи Аъло ва Сомониёни шаҳри Исфараи вилояти Суғд сурат гирифт. Мақомоти Тоҷикистон баъди як ҳафта ба таври расмӣ шумораи ҳалокшудагони ҷанҷоли ахир дар марз бо Қирғизистонро эълон кард. Тибқи иттилои дафтари матбуоти ҳукумати вилояти Суғд, дар ин

мунокишаҳо аз ҷониби Тоҷикистон 19 нафар ба ҳалокат расида, 87 кас захмӣ шудаанд. Инчунин 55 хонаи истиқоматӣ дар деҳаҳои мазкур пурра ва қисман хароб гардиданд.

Тоҷикистону Қирғизистон 970 километр марз доранд ва аз ин ҳисоб танҳо 519 километри онро муайян ва нишона гузоштаанд. Минтақҳои дигари баҳсӣ, ки аз обу замину чарогоҳ иборатанд, ҳар чанд вакт сабаби занозаниву тирпарронии сокинон ва нерӯҳои ду кишвар мешаванд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон бо истифода аз барномаи "Вокуниш ба ҳолатҳои фавкулода дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғду Хатлон”, ки бо дастгирии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) ба роҳ монда шудааст, ҷиҳати ироаи маводҳои ғайрихӯрока дар намуди бастаҳо гигиенӣ ба 950 оилаҳои зарадидаи деҳаҳои болозикр кумаки башардустона расонид.

- Шаҳри Исфара - 850 оила;
- Ноҳияи Ҷ.Расулов - 100 оила;

Ҳамагӣ 950 оила фаро гирифта шуд.

Инчунин ба 250 оилаҳои зерин кумакпулии яквақтинаи иҷтимоӣ (пули накдӣ) расонида шуд, (ш.Исфара - 190 оила ва н.Ҷ.Расулов - 60 оила):

1. Хонаҳои 100% ва қисман харобгашта;
2. Оилаҳое ки дар мунокша аъзои хонавода ҳалок ё захми шудааст;
3. Оилаҳои серфарзанд аз 0 то 17 ва камбизоат;
4. Оилаҳи маъюб дошта;
5. Оилаҳои бесаробон.

Инчунин аз тарафи КБСС ба 37 оилаҳое, ки дар мунокишаи мазкур хонаҳояшон пурра вайрон шуда буданд, маводҳои хӯрока расонида шуд. Маводҳои хӯрока барои ҳар як оила 50 кг орд, равғани растанӣ 5 литр ва 1 бастаи хурока иборат буд.

Бояд қайд намуд, ки аз тарафи Салиби Сурхи Олмон ба 700 оилаҳои зарардида ва ниёзманд (ш.Исфара - 550 оила ва н.Ҷ.Расулов - 150 оила) ва инчунин аз тарафи КБСС ба 42 оилаи зарардида (ш.Исфара - 36 оила ва н.Б.Ғафуров - 6 оила) дар якҷояги бо ҶҲАТ кумаки пулии накдӣ расонида шудааст.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон минбаъд низ кӯшиш менамояд, ки фаъолияти худро пайваста ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона сохта, ҳамеша вобаста ба дастгирии табақаи ниёзмандон саҳмгузор бошад.

Тибқи Ёддошти ҳусни тафоҳум байни Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ва Салиби Сурхи Финляндия аз 3 октябри соли 2017, ки санаҳои 3, 6, 9 ва 17 августи соли 2021 аз ҳисоби кӯмакҳои башардӯстонаи Салиби Сурхи Финляндия ба анбори марказии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон маводу таҷҳизотҳо ба таври зерин ворид гардиданд:

1. санаи 3 августи соли 2021, як адад автомашинаи боркаш, иборат аз 405 бастаи либосаи дасти дуюм;

2. санаи 6 августи соли 2021, як адад автомашинаи боркаш, иборат аз маводу таҷҳизотҳо;

3. санаи 9 августи соли 2021, як адад автомашинаи боркаш, иборат аз маводу таҷҳизотҳо;

4. санаи 17 августи соли 2021, як адад автомашинаи боркаш, иборат аз 378 бастаи либосаи дасти дуюм.

Кумакҳои мазкур давоми моҳҳои ноябр-декабри соли 2021 тибқи тартиби муқаррааргардида ба филиалҳои вилоятӣ, минтақавӣ ва шаҳриву ноҳиявии ҶҲАТ барои тақсимоти минбаъдаи онҳо ба табақаҳои ниёзманди мамлакат дастрас карда шудааст.

Ҳамчунин дар доираи лоиҳаву барномаҳо низ кумакҳои гуногун ба ниёзмандони кишвар расонида шудаанд.

Дар доираи лоиҳаи "Амал дар асоси пешгӯӣ" бо дастгирии бонки Олмонии «Deutsche Bank Stiftung» дар ҳамкорӣ бо Салиби Сурхи Олмон барои зарардидагони ҳавои сарди ғайримуқаррарӣ дар ноҳияи Мурғоб, алалхусус дар ҷамоати Аличур ва Башгумбез (то -50 дараҷа) маводҳои ғайрихурока барои 50 оила ба таври фаврӣ дар якҷоягӣ бо аъзоёни ГМВҲФ-и ВМКБ фиристода шуд. Санаи 14 январи соли 2021 тақсимоти маводҳои ғайрихӯрока дар маҳал дар ҳамкорӣ бо намояндагони мақомотҳои маҳаллӣ оғоз гардид. Боқимондаи маводҳо барои 32 оилаи дигар рӯзи 14 январи соли ҷорӣ аз анбори марказӣ дар шаҳри Душанбе ба макони тақсимот фиристода шуд ва то санаи 17 январ ҳамаи маводҳо ба пуррагӣ тақсим карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар моҳи сентябри соли 2021 протоколи ҳавои гарми ғайримуқаррарӣ расман аз ҷониби роҳбарияти ҶҲАТ ба намояндагии Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар Осиёи Марказӣ ба таври расмӣ фиристода шуд. Хушбахтона он санаи 4 ноябри соли 2021 аз тарафи Федератсия дастгирӣ ёфта тасдиқ гардид. Мувофиқи протоколи мазкур, ҶҲАТ дар 5 соли минбаъда метавонад, ки дар панҷ маҳалҳои ҳадафӣ пас аз гирифтани дархости расмӣ кумаки башардӯстона аз лиҳози маводҳои ғайрихурокаро расонад.

Санаи 9 декабри соли 2021 дар шаҳри Ҳисор, д.Алмосӣ семинари якрӯза дар мавзӯи "Таҳияи сенарияи офати нави табиӣ дар мисоли сел" гузаронида шуд. Дар семинари мазкур кормандони ҶҲАТ ва КҲФ ва МГ назди Ҳукумати ҶТ аз шаҳру ноҳияҳои мақсаднок иштирок намуданд.

Санаи 10 декабри соли 2021 дар шаҳри Ҳисор, д.Алмосӣ нишасти машваратӣ оид ба "Сабақҳои омӯхташуда" дар давоми солҳои 2019-2021 гузаронида шуд. Дар ин чорабинӣ низ кормандони ҶҲАТ ва КҲФ ва МГ назди Ҳукумати ҶТ аз шаҳру ноҳияҳои мақсаднок иҷроиши сесолаи лоиҳаро пурра таҳлил намуданд. Дар он бори дигар моҳияти лоиҳа фаҳмонида шуда, ҳамзамон қайд карда шуд, ки дар 5 соли пешомада ҶҲАТ метавонад аз ҳисоби фонди махсуси Федератсия истифода бурда, дар ҳолати гармии ғайримуқаррарӣ ба мардуми осебпазири зерин ёрии ғайрихурока аз қабили вентилятор, чатри зиддиофтобӣ, кулоҳ барои мактаббачагон, кулоҳи фермерӣ ва ҳаби тозакунандаи об иборат аст, мерасонад.

Лоиҳаи "Мустаҳкамкунии иқтидори институтсионалӣ оид ба омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ва коҳиши хавфи офатҳои табиӣ"бо дастгирии Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмиллалӣ (USAID BHA) дар ҳамкорӣ бо Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар шаш деҳаҳои мақсадноки водии Зарафшон амалӣ карда мешавад.

Тибқи нақшаи кории лоиҳа давоми соли 2021 фаъолиятҳои зерин анҷом дода шуданд:

- созишномаи ҳамкорӣ оид ба татбиқи марҳилаи дуюми лоиҳа байни Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ва Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ба имзо расонида шуд;

- се кумитаи нави маҳал оид ба ҳолатҳои фавқулода (гурӯҳҳои 20 нафара) дар базаи ташкилотҳои ибтидоии ҷамъият дар ноҳияи Айнӣ ва шаҳри Панҷакент таъсис дода шуданд;

- нишасти муқаддимавӣ оид ба муаррифии лоиҳа бо иштироки кормандону волонтёрони ҷамъият, раисони маҳалҳои мақсадноки лоиҳа ва намояндагони мақомотҳои дахлдори маҳалӣ (Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва шуъбаҳои маорифи ноҳияи Айнӣ ва шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд), аъзоёни кумитаҳои маҳал оид ба ҳолатҳои фавқулода ва шарикони рушд гузаронида шуд;

- маводҳои иттилоотӣ ва лавҳаҳои тарғиботӣ таҳия гардида, дар маҳалҳои мақсадноки лоиҳа ба аҳолии маҳал ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тақсим карда шуданд;

- дар соли 2021 аз ҷониби масъулони лоиҳа дар маҳалҳои мақсадноки он якчанд чорабиниҳои омӯзишӣ ва бозомӯзӣ оид ба омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, коҳиши хавфи офатҳои табиӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, тадқиқоти иқтидор ва осебпазирӣ, расонидани ёрии аввали тотиббӣ барои кормандон, аъзоёни ГМВҲФ, КМҲФ ва волонтёрони филиалҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии ҷамъият гузаронида шуд.

Тибқи нақшаи кории лоиҳа дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои дахлдори маҳалӣ 3 лоиҳаҳои хурди митигатсионӣ (тоза намудани селроҳа ва таъмири купрукҳои роҳи мошингард) амалӣ ва ба истифода дода шуданд, аз ҷумла:

1. Тоза намудани роҳ дар деҳаи Марғузори шаҳри Панҷакент.
2. Таъмири купруки роҳи мошингард дар деҳаи Вешканди ноҳияи Айнӣ;
3. Таъмири купруки роҳи мошингард дар деҳаи Марзичи ноҳияи Айнӣ.

Лоиҳаҳои мазкур бо муваффақият ба анҷом расида, мавриди истифодаи аҳолии маҳалӣ қарор дода шуданд.

Лоиҳаи “Мустаҳкамкунии иқтидори маҳалҳои осебпазир тавассути чораҳои коҳиши хавфи офатҳои табиӣ дар сатҳи маҳал дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ” бо дастгирии Барномаи СММ оид ба КХОТ дар ҳамкорӣ бо ФБҶ СС ва ҲА, дар 10 маҳалҳои мақсадноки зери хавфи офатҳои табиӣ қарордоштаи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ амалӣ мегардад.

Лоиҳаи “Кӯмак ба гурезаҳо ва паноҳандагон дар Тоҷикистон” бо дастгирии Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид дар умури паноҳандагон (UNHCR) ва дар ҳамкорӣ бо Қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти кор бо гурезаҳо ва шахсони паноҳҷӯянда аз Чумхурии Исломи Афгонистон, роххои муфиди хифзи ин гурухи осебпазири ахоли ва кумак расонидан ба онхо амалӣ мегардад.

Тибки созишномаи баимзорасида байни Чамъияти Хилоли Ахмари Точикистон ва Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттахид дар умури паноҳандагон оид ба татбики лоихаи “Кумак ба гурезахо ва панохандагон дар

Точикистон”, фаъолияти Чамъият дар ин самт дар ҳамкори бо макомотхои дахлдори давлати аз мохи октябри соли 2021 огоз гардида, дар хафт шахру нохияхои наздисархадии ВМКБ ва вилояти Хатлон (ш. Хоруғ, нохияхои Дарвоз, Ишкошим, Шахритуз, Панч, Ҳамадони ва Ш.Шохин) чарраён дорад. Хадафхои асосии ин лоиха мониторинги мунтазами сархад вобаста ба холатхои убури сархад аз чониби шахсони алохида ва/ё гуруххо, таъмини мунтазами навсозии иттилоот барои тахияи чорахои мухофизати, арзёбии фаврии ниёзхои панохчуён дар минтакахои кабули сархади, муайян кардан ва фиристодани холатхои мухофизати ва вокуниши фаври ба гурезахои нав барои конеъ гардондани ниёзхои асосии онхо мебошад.

Дар охири мохи декабр вохурии навбати бо намояндагони Комиссари Олии СММ сурат гирифт, ки дар рафти он оиди тамдиди лоихаи “Кумак ба гурезахо ва панохчуяндагон дар Точикистон” барои 2 мох дар соли 2022 масъалахо мухокима гардиданд.

Лоиҳаи “Мустаҳкамкунии иқтидор ва тақвияти савияи дониши аҳолии маҳал оид ба омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода дар Тоҷикистон” бо дастгирии дафтари саҳроии “Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)” дар Тоҷикистон давоми моҳҳои июн то декабри соли 2021 дар 50 маҳалҳои зери хавф қарордоштаи шаҳри Панҷакент ва ноҳияҳои Ашт, Деваштич, Мастчоҳи кӯҳӣ ва Айнӣ амалӣ гардид.

Дар умум ба воситаи 50 семинари якрӯза 1000 нафар аъзоёни маҳал ва ба воситаи ташкили кумитаҳои маҳал 100 нафар омӯзонида шуд. Ҷиҳати мустаҳкам намудани иқтидори ҶҲАТ, дар умум 50 ташкилоти ибтидоӣ ташкил карда шуда, 5 кумитаи маҳал омӯзонида ва дар ҷойҳо таҷҳизотонида шуд. Аз ҷониби лоиҳа 1100 нафар омӯзонида шуд, ки бо дархости САҲА 50% зан ва 50% мардро дар бар гирифт.

Давоми соли 2021 дар доираи барномаҳое, ки аз тарафи Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх дастгирӣ меёбанд, фаъолиятҳои зиёде анҷом дода шуданд.

Давоми соли 2021 аз ҷониби масъулони барномаҳои амалкунанда якчанд чорабиниҳои омӯзишӣ ва бозомӯзӣ оид ба “Дастрасии бехатар ва расонидани ёрии аввали то тиббӣ”, “Кумаки равонӣ-иҷтимоӣ” ва “Огоҳкунии аҳолӣ аз хатари минаҳо” барои кормандон, аъзоёни ГМВҲФ ва волонтёрони филиалҳои вилоятӣ, минтақавӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии ҶҲАТ гузаронида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби волонтёрони барномаи “Огоҳкунии аҳолӣ аз хатари минаҳо” аз 23 ноҳияи мақсаднок ҳисоботҳо оид ба фарогирии аҳолӣ мунтазам ҷамъоварӣ карда шуда, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шуданд. Фарогирии аҳолӣ дар соли 2021, 29 938 нафарро ташкил дода, дар ҳамин давраи соли 2020 фарогирии аҳолӣ 27 188 нафарро ташкил дода буд.

Дар соли 2021 дар натиҷаи таркиши лавозимоти нотаркидаи ҷангӣ 1 нафар ҳалок гашта, 2 нафари дигар захмӣ шудааст.

Бақайдгирии дархостҳои ҷустуҷӯӣ аз тарафи кормандони барномаи “Барқарорсозии робитаҳои оилавӣ” дар хазинаи маълумотҳои “FLANSWER” идома дорад.

Дар соли 2021, 31 дархости ҷустуҷӯӣ қабул карда шуда, аз дигар мамлакатҳо ба ҶҲАТ 10 дархостҳои ҷустуҷӯӣ ворид гардидааст. Дар маҷмӯъ, аз 29 дархости

ҷустуҷӯӣ ба 12 дархост ҷавоби мусбӣ ва ба 17 дархост ҷавоби манфӣ гирифта шудааст.

Дар соли 2020, 56 дархости ҷустуҷӯӣ қабул карда шуда, аз дигар мамлакатҳо ба ҶҲАТ ҷавоби 51 дархостҳои ҷустуҷӯӣ ворид гардидааст. Дар маҷмӯъ, аз 51 дархости ҷустуҷӯӣ ба 6 дархост ҷавоби мусбӣ гирифта шудааст.

Айни ҳол дар барномаи "Ҳамсафар" ҳамагӣ 23 нафар роҳбаладони ҶҲАТ фаъолият намуда, ба беш аз 532 оила кумак мерасонанд.

**Фаъолияти шуъбаи иҷтимоӣ-тиббӣ**

Шуъбаи иҷтимоӣ-тиббии ҶҲАТ дар соли 2021 корҳои назаррасеро ба анҷом расонд.

Бо мақсади васеъ намудани фаъолияти шӯъба дар самти пешгирии COVID-19, дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи шӯъбаи иҷтимоӣ-тиббии ҶҲАТ 4 лоиҳа ба донорҳо ирсол карда шудааст.

Дар айни замон дар шуъба 5 лоиҳа фаъолият мекунад. Дар доираи лоиҳаи «Банафақагирии ятимон», ки аз ҷониби Аморати Муттаҳидаи Араб маблағгузорӣ мегардад, корҳои ворид намудани рӯйхатҳои ятимонро ба системаи электронӣ давом ёфта, айни замон 624 нафар ятимон дастгирии худро ёфтаанд. Лоиҳаи «USAID оид ба барҳам додани бемории сил дар Осиёи Марказӣ» дар ҳамкорӣ бо ташкилоти байналмилалии ғайридавлатии АВТ ва бо маблағузории USAID идома дорад. Ин лоиҳа дар 11 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд ва НТҶ фаъолият бурда, 260 нафар волонтерони лоиҳа дар ҳамкорӣ бо Марказҳои ноҳиявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил фаъолияти корияшонро ба омӯзиши аҳолии деҳот оид ба пешгирии сироятии вируси нави COVID-19 равона кардаанд ва инчунин ҳамарӯза 163 нафар шахсони гирифтори сили мутобиқгаштаро аз зери назорат мегузаронанд ва оид ба истеъмоли доруворихо ва қатъ нагаштани нақшаи табобатӣ корбарӣ менамоянд. Лоиҳаи «Пешгирии паҳншавии COVID-19», ки аз ҷониби ФБССваҲА маблағгузорӣ мегардид, моҳи июни соли ҷорӣ ба анҷом расид. Лоиҳаи «Сафарбаркунии ҷомеа оид ба эмгузаронии COVID -19 - марҳилаи аввал» ба муҳлати 3 моҳ аз моҳи апрел то моҳи июли соли ҷорӣ фаъолият намуд. Марҳилаи дуюми ин лоиҳа аз моҳи августи соли ҷорӣ оғоз ёфта, то моҳи апрели соли 2022 идома меёбад. Лоиҳаи «Солимии ҷомеа», ки аз ҷониби Салиби Сурхи Финляндия дастирӣ ёфтааст, аз моҳи июли соли ҷорӣ фаъолияташро оғоз кард.

Бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии мубориза ба зидди бемории сил дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии - Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил ва ташкилоти ғайридавлатии "Ҳамкории боздошти сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо маблағгузории ФБССваҲА ва инчунин дар сатҳи лоиҳаи ETICA оид ба барҳам додани бемории сил дар Осиёи Марказӣ як қатор чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз он ҷумла: автомарафон, гузаронидани чорабинии иттилоотии ташвиқотӣ байни донишҷуён ва кӯдакони гирифтори бемории сил гузаронида шуданд. Аз ҷониби кормандони Маркази "Мадагаскар" барои кӯдакони гирифтори бемории сил, ки дар беморхонаи зиддисилии шаҳри Душанбе зери табобат қарор доранд, хӯроки гарм, шириниҳо ва тӯҳфаҳо пешкаш карда шудаанд. Инчунин, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, Раёсати бозрасии давлатии автомобилӣ - чорабинии иттилоотии автормарафон дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе ва хатсайри Душанбе - Рӯдакӣ ва Душанбе - Ваҳдат гузаронида шудааст. Дар доираи лоиҳаи "Барҳам додани бемории сил дар Осиёи Марказӣ -

ETICA», ки аз ҷониби созмони USAID маблағгузорӣ мегардад, дар 8 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд ва НТҶ амалӣ мешавад. Фаъолияти лоиҳаи «Банафақагирии ятимон» бо дастгирии Маркази хайриявӣ ва имдоди Малик Салмони Арабистони Саудӣ моҳи майи соли ҷорӣ ба анҷом расидааст ва пас аз тасдиқ намудани ҳисоботҳои молиявӣ оғози лоиҳаи нав дар назар мебошад. Тавассути лоиҳаи “Омодагӣ ва пешгирии паҳншавии вируси нави COVID -19”, ки аз ҷониби Салиби Сурхи Канада, Салиби Сурхи Белгия, Ҳукумати Британия Кабир ва Вазорати корҳои хориҷии Олмон ва инчунин бо дастгирии ФБССваҲА маблағгузорӣ мегардад, зиёда аз 1 млн. аҳолии деҳот оид ба роҳҳои пешгирии COVID-19 омӯзонида шуданд. Тавассути лоиҳаи мазкур гурӯҳҳои мақсадноки лоиҳа бо бастаҳои маводҳои хӯрока (5600 даста), бастаҳои гигиенӣ (4000 адад), мошинаҳои дарздузӣ (400 адад) таъмин карда шуданд. Инчунин, барои кормандони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 160 бастаҳои хӯрока пешкаш карда шуд. Иқдомҳои дигари лоиҳа ин дар осоишгоҳи Хоҷа Оби Гарм истироҳат кардани 270 нафар кормандони соҳаи тиб аз ҳамаи шаҳру ноҳияи кишвар, ки дар давраи авҷ гирифтани COVID-19 ба табобати беморони гирифтори COVID-19 машғул буданд, мебошад. Инчунин, барои кормандони соҳаи тиб ва аъзои оилаашон 1000 адад бастаҳои гигиенӣ кӯмак расонида шудааст. Бо мақсади пурзур намудани иқтидори сохторҳои тандурустӣ, аз ҷумла сохторҳои Кӯмаки аввалияи тиббӣ санитарӣ (КАТС) пас аз гузаронидани тадқиқот байни 71 бунгоҳҳои тиббӣ барои 30 бунгоҳи тиббӣ термосканерҳо, яхдонҳо, тарозуи фаршӣ, фишорченкунак, қандченкунак дастрас карда шудаанд. Инчунин, тавассути лоиҳаи зикргардида ҳамаи бахшҳои ҶҲАТ бо термосканер, ниқобҳои яккарата ва ниқобҳои матоӣ, маҳлулҳои безараргардонӣ, антисептик, хилъатҳои кулоҳдор, сипари рӯй, дастпушак, бастаҳои ёрии аввал ва маводҳои иловагӣ ба бастаҳои ёрии аввал таъмин карда шуданд. Давраи сеюми лоиҳаи “Омодагӣ ва пешгирии паҳншавии вируси нави COVID-19” оғоз ёфта, ба сафарбаркунии ҷомеа ба эмгузаронии COVID-19 равона гардидааст. Тибқи нақша чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза ба зидди бемории сироятии COVID-19 гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ дар кӯчаю хиёбон ва маҳаллаҳои шаҳри Душанбе инчунин майдончаҳои варзишии бозии кӯдакон, нишастгоҳҳо, майдонҳои истироҳатӣ, истгоҳҳои нақлиётӣ, дорухонаҳо, марказҳои савдо, муассисаҳои иҷтимоӣ аз ҷумла хона-интернати пиронсолон ва шахсони яккаву танҳо дар ҷои истиқомат ва дар асоси маълумотҳои дақиқи ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба COVID-19 дар маҳалҳои бақайдгирифташудаи ҳолатҳои бемории сироятии COVID-19 ва нақлиётҳои ҷамъиятӣ баргузор мешаванд. Дар доираи лоиҳаи “Солимии ҷомеа” бо дастгирии Салиби Сурхи Финляндия корҳои оғози лоиҳа (ҷалби волонтерон, нақшабандии лоиҳа, ба имзо расонидани созишномаҳои ҳамкорӣ ва ғайра) шуруъ гардиданд. 22 декабр, дар ДИ КМ ҶҲАТ маросими тақдими маводҳои тиббӣ барои гурезагон ва паноҳандагони афғон дар Тоҷикистон баргузор гардид. Маводҳои тиббӣ фарогирӣ 60 номгӯй, аз қабили дорувориҳо, андитеприсантҳо, маводи дӯхт, сузандору бо ҳазмҳои гуногун, бандажҳои эластикӣ, тоскулоҳҳои муҳофизатӣ, маводи муҳофизатӣ аз нурҳои рентгенӣ, маҷмӯъ барои гирифтани хун ва ғайраҳо мебошанд.

Кумаки мазкур аз ҷониби Бунёди амрикоии «Americares» тавассути Ташкилоти ҷамъиятии хайриявии «Авасто» ба ҶҲАТ барои гурезагон ва паноҳандагони афғон дар Тоҷикистон расонида шуда, маблағи умумии он беш аз 1

миллиону 256 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Маводҳои тиббӣ шурӯъ аз моҳи январи соли 2022 аз ҷониби ҶҲАТ ба беморхонаҳои марбута тақсим карда мешаванд.

Дар маросими тақдими маводҳои тиббӣ Котиби генералии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон Баҳодур Қурбониён, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ), Сафири некӯирода оид ба саратони ғадуди ширӣ Хайринисо Юсуфӣ, Сафири Афғонистон дар Тоҷикистон Муҳаммад Зоҳир Ағбар, муовини Раиси ТҶХ «Авесто» Ҳилола Қаҳҳорова, намояндагони вазорати корҳои хориҷӣ, вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, воситаҳои ахбори омма ва кормандони ҶҲАТ иштирок намуданд.

**Фаъолияти шуъбаи рушд ва ҳамкориҳои байналмилалӣ**

Кормандони шуъба ва масъули рушди Намояндагии ФБҶССваҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикитсон бо фаъолияти филиалҳои ҶҲАТ дар вилояти Суғд, минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоб, шаҳри Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб, Бустон, Леваканд, ноҳияи Данғара, Муминобод, Ш.Шоҳин, Панҷ, Ҷайҳун, Б.Ғафуров шинос шуданд. Тибқи нақшаи кории шуъба ва ДИ КМ ҶҲАТ барои соли 2021 ва хулосаҳои гурӯҳии корие, ки бо фаъолияти чандин филиалҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, минтақавӣ ва вилоятии ҶҲАТ шинос шуда буданд, пешниҳод карданд, ки семинарҳои омӯзишии муқаддимавӣ барои филиалҳои ҶҲАТ дар ВМКБ (ш.Хоруғ), вилояти Суғд (ш.Хуҷанд), минтақаи Бохтар (ш.Бохтар), Кӯлоб (ш.Кӯлоб), барои ДИ КМ ҶҲАТ (осоишгоҳи Хоҷа оби гарм) ва барои ш.Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (осоишгоҳи Шоҳамбарӣ) бо дарназардошти ҷадвали тасдиқшуда гузаронида шуданд.

Вобаста ба ташвиқу тарғиби иттилоот оид ба фаъолияти ҶҲАТ ва ҳамкоронаш ҳамоҳангсози барнома ба яккатор шаҳру ноҳияҳо сафари корӣ намуда, дар он ҷо вохуриҳо дар муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ, ҷамоатҳо, марказҳои фарҳангӣ баромадҳо доир намуд. Ин вохӯриву баромадҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Исфара, Ҳисор, Ваҳдат, Роғун, Кӯлоб, Бохтар, Хоруғ, Хуҷанд, Бӯстон, Гулистон, Леваканд ва ноҳияҳои Б. Ғафуров, Рӯдакӣ, Восеъ, Панҷ, Ҷ.Балхӣ, Ишкошим, Ёвон ва ғайраҳо ташкил карда шуданд. Зимни сафари худ ҳамчунин, бо волонтёрони интихоббшуда аз байни омӯзгорон, кормандони тиб ва ҷамоатҳо дар ин шаҳру ноҳияҳо вохуриҳо бо баромадҳо ташкил карда шуданд. Дар ин вохӯриҳо оид ба Ҳаракат, фаъолияти Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, аломатҳо ва тарзҳои аъзогӣ ба ҶҲАТ, баромадҳо доир карда шуданд.

Қариб дар ҳамаи вохӯриҳо намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ ва намояндагони Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, намояндагони кумитаи занон, ҷамоатҳо, маориф дар ин шаҳру ноҳияҳои номбурда иштирок намуданд. Бояд қайд намуд, ки зимни баргузории вохуриҳо котибони иҷоияи бахшҳои ҶҲАТ дар ин шаҳру ноҳияҳо низ фаъолона иштирок намуданд.

Ҳамчунин баромадҳо дар омӯзишгоҳҳо, коллеҷу муассисасаҳои таҳсилоти умуми шаҳру ноҳияҳои болозикр бо иштироки беш аз 100 нафар дар ҳар як вохуриҳо ташкил карда шуданд. Дар доираи чорабиниҳо бахшида ба Моҳвораи ҶҲАТ дар муассисаи давлатии коллеҷи тиббии шаҳри Ҳисор чорабинии иттилоотӣ баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ барои донишҷуён ва устодони ин муассисаи таълимӣ оид ба Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва фаъолияти ҶҲАТ маълумот дода, сипас ба хозирин филми мустанад оид ба

фаъолияти ин ташкилоти башардӯст намоиш дода шудааст. Ҳамчунин, дар моҳи майи соли 2021 бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва Моҳвораи Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (ҶҲАТ) дар ҳамбастагӣ бо бахши ҶҲАТ дар шаҳри Душанбе дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон чорабинии иттилоотӣ баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ донишҷуён ва устодони ин муассисаи таълимӣ дар бораи Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва фаъолияти ҶҲАТ маълумот гирифтанд. Бахшида ба Рӯзи умумиҷаҳонии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар мақолаи махсус оид ба таъриху фаъолияти Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх омода гардида, дар газетаи "Ҷумҳурият" нашр гардида, ҳамчунин тавассути радиои "Тоҷикистон", радиои "Имрӯз" гузориш омода ва пахш гардида, дар расонаҳои электронӣ низ дарҷ гардиданд. Дар шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ мизи мудаввар бо намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва котибони иҷроияи филиалҳои Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон оид ба рушд ва тақвият бахшидани ҳамкориҳои тарафайн баргузор гардид. Иштирокчиён оид ба рушд ва тақвият бахшидани ҳамкориҳои тарафайн пешниҳодҳои муфид пешниҳод намуданд. Ин чорабиниҳо тавассути телевизиони маҳаллӣ низ намоиш дода шуданд.

Дар давоми соли 2021 барои ҳамаи бахшҳои ҶҲАТ семинарҳои омӯзишии дурӯзаи муқаддимавӣ ташкил карда шуданд. Чорабиниро мутахассисони шуъбаи рушд ва ҳамкориҳои байналмилалии ҶҲАТ дар ҳамбастагӣ бо намояндаи рушди Федератсияи байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар баргузор намуданд. Дар аввал чорабинӣ барои 23 нафар аз доираи роҳбарияти ҶҲАТ, сардорони шуъбаҳои Дастгоҳи иҷроияи Кумитаи Марказии ҶҲАТ ва роҳбарони бахшҳои вилоятӣ ва минтақавӣ дар осоишгоҳи "Хоҷа-оби гарм" бо ҷалби шарикони рушд аз КБСС ташкил карда шуд. Семинари дуюм дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон барои 35 нафар иштирокчиён аз доираи раисони озод, котибони иҷроияи 15 бахшҳои ҶҲАТ дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ва кормандони бахши минтақавии ҶҲАТ дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон иштирок намуданд. Семинари сеюм дар шаҳри Кӯлоб барои 22 нафар иштирокчиён аз доираи раисони озод, котибони иҷроияи 10 бахшҳои ҶҲАТ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва кормандони бахши минтақавии ҶҲАТ дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон иштирок намуданд. Семинари чорум дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд барои 40 нафар иштирокчиён аз доираи раисони озод, котибони иҷроияи 18 бахшҳои ҶҲАТ дар ВМКБ ва кормандони бахши ҶҲАТ дар вилояти Суғд иштирок намуданд. Семинари панҷум дар шаҳри Хоруғи ВМКБ барои 20 нафар иштирокчиён аз доираи раисони озод, котибони иҷроияи 8 бахшҳои ҶҲАТ дар ВМКБ ва кормандони бахши ҶҲАТ дар ВМКБ иштирок намуданд. Семинари шашум дар осоишгоҳи "Шоҳамбарӣ" барои 30 нафар иштирокчиён аз доираи раисони озод, котибони иҷроияи бахшҳои ҶҲАТ дар 14 шаҳру ноҳияҳо тобеи ҷумҳурӣ ва мутахассисони Дастгоҳи иҷроияи КМ ҶҲАТ иштирок намуданд. Дар умум дар ин чорабиниҳо 170 нафар фаро гирифта шуданд.

Ҳамкорӣ бо намояндагони газету маҷалаҳо, радиову телевизион оид ба чорабиниҳои ҶҲАТ ва шарикони рушди он ҷиҳати пахни иттилоот идома доранд. Бояд қайд намуд, ки дар соли 2021 ҷиҳати инъикоси фаъолияти ҶҲАТ зиёда аз 214 (180 мавод дар соли 2020) маводҳои иттилоотӣ дар сомонаи Ҷамъият ва дигар сомонаҳо, рӯзномаву расонаҳои электронӣ гузошта шуд, ки он нисбат ба соли 2020 ба миқдори 24 адад зиёд аст. Муросилоти дохилӣ ба ҳамаи бахшҳои ҶҲАТ,

вазорату идораҳо ва дигар ташкилотҳои дохиливу хориҷӣ ба таври мунтаззам ба роҳ монда шудааст. Дар соли 2021 ҷиҳати иттилоъ додан ба аҳолии кишвар оид ба кӯмакҳои ҶҲАТ дар арафаи моҳи шарифи Рамазон, кӯмакҳои озуқаворӣ, кӯмакҳои молию ғайри озуқаворӣ ба зарардидагони офати табиӣ дар вилояти Хатлон дар беш аз 15 расонаҳои хабарии дохиливу берунӣ маълумоти зарурӣ ирсол карда шуданд. Дар байни ин расонаҳо, Агентии иттилоотии "Азия плюс", Авесто, радиои "Тоҷикистон", радиои "Имрӯз", ТВ "Тоҷикистон", ТВ "Ҷаҳоннамо", "ТВ "Суғд", ТВ "Хатлон", ТВ "Кӯлоб", ТВ "Бадахшон", расонаи электронии "Спутник", расонаҳои иҷтимоии Фейсбук, Твиттер, Yotube, Ватсап, вайбер, Инстаграм ва ғайраҳо фаъол буданд. Вобаста ба паҳни иттилоот оид ба Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурд ва Ҳилоли Аҳмар, фаъолияти ҶҲАТ, арзишҳои башарӣ дар соли 2021 496 (162 дар соли 2020) баромаду вохуриҳо ва чорабиниҳои гуногун баргузор гардид, ки дар он 43 282 (10 644 нафар дар соли 2020) нафар шунаванда фаро гирифта шуд. Вале агар теъдоди шунавандагонро тавассути радио ва телевизион ва дигар васоити ахбори омма ба ҳисоб гирем, фарогирии аҳолӣ беш аз 5 млн нафарро ташкил менамояд.

Марҳилаи III (сеюм) -и лоиҳаи «Мусоидат ба Ҳилолҳои Аҳмар дар татбиқи ваколати дарозмуддати иҷтимоӣ ҳамчун ҷамъиятҳои миллии ёрирасон баҳри мардуми осебпазир дар Осиёи Марказӣ (2020-2022)» бо маблағгузории Вазорати Федералии рушди иқтисоди Олмон тавассути Салиби Сурхи Олмон аз соли 2020 бо ҳадафи рушд оғоз гардидааст. Лоиҳаи мазкур дар назди ташкилотҳои ибтидоии филиалҳои ҶҲАТ – н.Ҷ.Расулов ва ш.Исфара ба таври озмоишӣ амалӣ мешаваду фаъолияти 12 ташкилоти ибтидоӣ ва 180 нафар аъзои ҶҲАТ -ро дарбар мегирад. Лоиҳаи «Мусоидат ба Ҳилолҳои Аҳмар дар татбиқи ваколати дарозмуддати иҷтимоӣ ҳамчун ҷамъиятҳои миллии ёрирасон баҳри мардуми осебпазир дар Осиёи Марказӣ (2020-2022)» дар соли 2021 тибқи нақшаи фаъолияти солонаи лоиҳа, нақшаи кории шуъба, ки аз амалишавии Стратегияи рушди Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025 сарчашма мегиранд ва тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», инчунин дигар санадҳои амалкунандаи дохилӣ фаъолиятро роҳандозӣ намуда, баҳри таъмини рушди иҷтимоӣ ва дар расонидани кӯмаки башардӯстонаи мушаххас ба табақаҳои мӯҳтоҷтарини аҳолӣ як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст. То ин давра 9 Маркази иҷтимоӣ фаъолият доранд, ки аз инҳо 3 Марказ дар н.Ҷ.Расулов дар деҳаи Маданият, Қурғонча ва Узбекқишлоқ дар аввали соли ҷорӣ ба истифода дода шуданд. Дар назди филиали ҶҲАТ –и ш.Исфара дар деҳаҳои Гулистон, Лаккон, Шуроб, Тоҷикон, Хоҷи –Аъло ва Боғистон 6 маркази иҷтимоӣ фаъолият доранд, ки таъмиру таҷҳизонида шуданд. Дар моҳи декабри соли ҳисоботӣ сохтмони бинои иловагии анбори филилаи ҶҲАТ дар ш.Исфара ба итмом расонида шуд, ки қаблан агар барои 50 оила маводи захиравӣ барои ҳолатҳои фавқулода дошт, акнун баъди сохмони бинои иловагӣ барои 120 оила маводи захиравӣ барои ҳолатҳои фавқулода мавҷудаст. Дар мактабҳои таҷрибавӣ дар назди филиали ҶҲАТ – и ш.Исфара ва ноҳияи Ҷ.Расулов дарсҳои беруназсинфӣ оид ба омодагӣ ва вокуниш ба ҳолотҳои фавқулода, расонидани ёрии аввали аввал, дарси беруназсинфӣ оид ба омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, дарси амалӣ оид ба бехатарӣ аз сӯхтор, озмуни расонидани ёрии аввал, машқҳои амалӣ оид ба расонидани ёрии аввал ва бехатарии зидди сухтор, тренинги харитасозӣ ва вохӯрии

сабақҳои омӯхтаи лоиҳа гузаронида шудаанд. Дар Марказҳои иҷтимоӣ таъмири роҳрав (пандус) барои шахсони имкониятҳояшон маҳдуд ба итмом расонида шуданд ва имрӯзҳо шахсони имкониятҳояшон маҳудуд истифода мебаранд. Дар ҳудуди беморхонаи деҳаи Ӯзбекқишлоқи ҷамоати деҳоти Сомониёни ноҳияи Ҷаббор Расулов ошхонаи иҷтимоӣ-тиҷоратӣ бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ, мизу курсӣ, таҷҳизоти хӯрокпазӣ мавриди истифодабарии шаҳрвандон қарор дода шуд. Дар расми ифтитоҳи ошхонаи иҷтимоӣ-тиҷоратии замонавӣ намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷаббор Расулов, роҳбарияти филиали ҶҲАТ дар вилояти Суғд, намояндагони минтақавии ССОлмон дар Осиёи Марказӣ ва намояндагони филиалҳои ҶҲАТ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва волонтёрони ҶҲАТ иштирок намуданд. Аз 20 июли соли ҷорӣ тақисимоти кӯмакҳои башардӯстона дар шакли бастаҳои гигиенӣ барои оилаҳои аз муноқишаҳои сарҳадӣ зарардида дар доираи лоиҳаи “Амалиёти вокуниш барои мухолифатҳои сарҳадӣ” бо дастгирии молиявии Вазорати корҳои хориҷии Олмон ва Салиби Сурхи Олмон шуруъ гардид. Дар давраи ҳисоботи тақсимоти бастаҳои гигиенӣ ва тақсимоти кӯмаки башардӯстона дар шакли маблағ ба охир расидааст. Қобили қайд аст, ки тақсимоти маблағҳо тибқи рӯйхатҳои тасдиқшуда, тавассути филиалҳои Ориёнбонк тақсимот шуданд. Тасмими тақсимоти мабалғҳо тавассути бонкӣ аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи кумитаи марказӣ гирифта шудааст. Аз ҷониби филиалҳои ҶҲАТ бо назардошти вазъи пандемияи короновируси COVID-19 барои гирифтани кӯмаки молиявӣ тавассути воситаҳои нақлиёт бурдану овардани кӯмакгирандагонро ба филилаҳои Ориёнбонк таъмин намуданд. Гарчанде маблағгузории лоиҳаи “Ташаббусҳо оид ба рушди ҷавонон” ба итмом расида бошад ҳам, омода намудани волонтёрони фаъоли ҷавон ва бевосита иштироки фаъолонаи онҳо дар корҳои мухталифи башардӯстонаи ҶҲАТ идома доранд.

Дар доираи лоиҳаи «Механизми дастгирии волонтёрон»-и Федератсияи байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар бо дастгирии ширкати Lacoste бо фармоиши Котиби генералии ҶҲАТ аз 24 майи соли 2021, №10 Комиссияи бунёди ҳамбастагии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон таъсис дода шуда, Низомномаи ин Комиссия аз ҷониби шуъбаи рушд ва ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳия гардида, бо фармоиши Котиби генералии ҶҲАТ аз 08 июни соли 2021, №11 тасдиқ гардид. Тавассути амалишавии ин лоиҳа 56 нафар волонтёрон ва кормандони ҶҲАТ, ки бемории сироятии COVID-19-ро аз сар гузаронданд, дастгирӣ карда шуданд.

**Шуъбаи иқтисод ва молия**

Нақшаи молиявии ҶҲАТ дар соли 2021 бо маблағи 2′029′947 сомонӣ муайян шуда буд. Ичроишавии нақшаи молиявӣ бошад 1′962′205 сомониро ташкил дод, ки ин ба 96,7 % (с.2020 - 94 %) баробар аст.

Рафти иҷрои нақшаи молиявӣ дар филиалҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, минтақавӣ ва вилоятии ҶҲАТ ба таври зерин ба роҳ монда шудааст:

Вилояти Суғд дар маҷмуъ - 97 %, аз ҷумла: шаҳрҳои Панҷакент - 100 %, Хуҷанд – 103,3 %, Истаравшан - 8,4 %, Исфара - 100 %, Гулистон - 103,4 %, Бӯстон - 98,9 %, Конибодом - 100 %, Истиқлол - 75 %, ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ - 0 %, Ҷ.Расулов

- 100%, Спитамен - 103,6 %, Айнӣ - 100 %, Б.Ғафуров - 98,3 %, Деваштич - 96,7 %, Мастчоҳ - 100 %, Шаҳристон - 100 %, Зафаробод - 59,5 % ва Ашт - 100 %.

ВМКБ дар маҷмуъ - 104 %, аз ҷумла: шаҳри Хоруғ - 101 %, ноҳияҳои Рӯшон - 104 %, Роштқалъа - 38 %, Шуғнон - 40 %, Дарвоз - 104 %, Ванҷ - 104 %, Ишкошим - 105 % ва Мурғоб - 101 %.

Минтақаи Бохтар дар маҷмуъ - 88 %, аз ҷумла: шаҳрҳои Бохтар - 167 %, Левакант - 0 %, Норак - 0 %, ноҳияҳои Ёвон - 0 %, Хуросон - 0 %, Қабодиён - 59 %, Дӯстӣ - 170 %, Вахш - 167 %, Н.Хусрав - 40 %, Ҷ.Балхӣ - 190 %, Кушониён - 4 %, Ҷайҳун - 139 %, Панҷ - 5 %, Шаҳритус - 98 % ва А.Ҷомӣ - 0 %.

Минтақаи Кӯлоб дар маҷмуъ - 80 %, аз ҷумла: шаҳри Кӯлоб - 0 %, ноҳияҳои Балҷувон - 23 %, Ховалинг - 80 %, Восеъ - 30 %, Данғара - 41 %, Муминобод - 103 %, Темурмалик - 100 %, Фархор - 21 %, Ҳамадонӣ - 47 % ва Ш.Шоҳин - 107 %.

Бахши шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмуъ - 100%, аз ҷумла: шаҳрҳои Душанбе – 51,8%, Ҳисор - 139 %, Ваҳдат - 83 %, Турсунзода - 129 %, Роғун - 103 %, ноҳияҳои Нуробод - 89 %, Сангвор - 103%, Лахш - 77 %, Варзоб - 104 %, Рӯдакӣ - 82 %, Рашт - 113 %, Тоҷикобод - 104 %, Шаҳринав - 101 % ва Файзобод - 125 %.

Аз ҳисоботи молиявӣ бармеояд, ки иҷроиши нақшаи молиявӣ дар соли 2021 аз ҷониби баъзеи филиалҳо ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, ки ин ҳолат ташвишовар буда, ба рушди босуботи ҶҲАТ ва амалӣ намудани вазифаҳои оинномавии онҳо таъсири манфии худро мерасонад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки яке аз сабабҳои иҷро нагардидани нақшаҳои молиявии филиалҳои дар боло зикргардида, ин бемасъулиятии сарварони филиалҳо, ҳамкорӣ надоштан бо мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, нисбати котибони иҷроияе, ки беэтиноӣ зоҳир намуда, нақшаҳои молияviро иҷро накарданд ва ё бениҳоят кам иҷро карданд аз ҷумла; котибони иҷроияи бахшҳои ҶҲАТ дар шаҳрҳои Истаравшан, Леваканд, Кӯшониён, Норак, Кӯлоб, ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Ёвон, Хуросон, А.Ҷомӣ, Панҷ, Фархор, Балҷувон, Восе ва Роштқала чораҳои маъмурӣ андешанду фаъолияти котибони иҷроияе, ки нақшаҳои молияviро барзиёд иҷро карданд, қадрдонӣ карда шаванд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки зимни шиносоӣ бо бахшҳои ҶҲАТ аз ҷониби намояндаи рушди Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар муайян гардид, ки қариб 30 %-и бахшҳои ҶҲАТ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар ба таври мунтаззам амал нанамуда, бахшҳои хобида номида шуданд. Асосан ин бахшҳои хобида дар вилояти Хатлон ва Суғд мебошанд. Шуъбаи рушд ва ҳамкориҳои байналмилалии ҶҲАТ дар ҳамбастагӣ бо намояндаи рушди Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар соли 2022 якчанд фаъолиятҳое бехарҷ ё каммасраф пешниҳод менамояд, ки аз ҷониби бахшҳо новобаста аз вуҷуд доштани барномаву лоиҳаҳо бояд амалӣ карда шуда, дар ҳисоботҳои семоҳаи худ аз натиҷаи онҳо дарҷ хоҳанд намуд.

**Шуъбаи таъминоти моддию техникӣ**

Дар соли 2021 озмунҳои тендерҳо ҷиҳати таъмин ва ҳамлу нақли маводу таҷҳизотҳои хӯрока ва ғайри он таъмину хизматрасонии босифат барои барномаҳое, ки бо дастгирии шарикони рушд ва дигар ташкилоту институтҳои молиявии байналмилалӣ пешбинӣ шуда буданд, дар сатҳи зарурӣ гузаронида шуда, аксари онҳо дар ҷараёни анҷомёбӣ қарор доранд. Дар самти таъминот бо 110 шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шартномаҳои гуногунмазмун баста шуд. Дар давари ҳисоботӣ кӯмакҳои башардӯстона аз қабили маводу таҷҳизоти тиббӣ ба воситаи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон аз тарафи Ташкилотҳои Байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи Кӯдак «ЮНИСЕФ», ба маблағи 4 397 327,20 сомонӣ, молу маҳсулоти хӯрока аз тарафи Маркази Имдод ва Корҳои башардӯстонаи Малик Салмони Арабистони Саудӣ ба маблағи 5 031 275,20 сомонӣ расонида шудааст, ки онҳо ба воситаи ҶҲАТ ба беморхонаҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ба 8 шаҳру ноҳияҳои мақсаднок тақсим ва дастрас карда шудааст, кӯмакҳои башардӯстона маводи хӯрока аз ҷониби Ташкилоти ғайридавлатии Амрикоӣи « USAID ETIKA» ба «Бемороні СИЛ» ба воситаи ҶҲАТ ба маблағи 203 160 сомонӣ. Аз ҷониби Федератсияи Байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар 7 воситаи нақлиёти хизматии ҶҲАТ ба маблағи 169 400 сомонӣ таъмири асосӣ ва ҷорӣ карда шуд.

Аз ҷониби Ҷамъиятҳои Ҳилоли Аҳмари Қувайт, Қатар дар доираи лоиҳаи «Рамазон 2021» ҷиҳати таъмини маводи хӯрока ба воситаи ҶҲАТ ба маблағи 330 660 сомонӣ харидорӣ карда шудааст.

Шуъбаи таъминоти моддию техникӣ барои дастрас намудани даромади моддӣ ба хазинаи КМ ҶҲАТ анборҳои марказиро ба иҷора дода, айни замон 2 анбор дар асоси шартнома ба иҷора дода шуда, ҳар моҳ ба андозаи 500 долари ИМА бо мубодили асъори миллӣ ба хазинаи ҶҲАТ ворид карда мешавад.

Нуқтаҳои таъмири воситаҳои нақлиёти хизматӣ (долони 2) ва нуқтаи шустушӯи воситаҳои нақлиёти хурд ба иҷора дода шуда ҳар моҳ ба маблағи аз 8 00 то 2 000 сомонӣ ба хазинаи ДИ КМ ҶҲАТ аз ин ҳисоб ворид мегардад.

Айни замон, дар тавозуни ҶҲАТ 31 адад воситаи нақлиётҳои хизматӣ ва 3 адад притсепи нақлиётӣ (купава) мавҷуд буда барои фаъолияти оиномавӣ ва амали гардонии барномаҳои ҶҲАТ пешбинӣ карда шудаанд. Дар соли 2021 нуқтаи таъмири воситаҳои нақлиётии ДИ КМ ҶҲАТ ва бахшҳои он 39 адад, 58 адад дигар воситаи нақлиётҳоро хизматрасонии техникӣ намудааст.

Тибқи фармоиши Котиби генералии ҶҲАТ аз 3 сентябри соли 2015, № 9 котибони иҷроияи филиалҳои вилоятӣ, минтақавӣ ва шаҳриву ноҳиявии ҶҲАТ вазифадор карда шуданд, ки то санаи 5-уми моҳи баъди ҳар семоҳа тибқи намунаҳои тасдиқгардида унвонии ДИ КМ ҶҲАТ ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолият, тақсимоти маводҳои башардӯстона, рӯйхати ташкилотҳои ибтидоӣ, рӯйхати аъзоён ва рӯйхати волонтёронро пешниҳод намоянд. Аксарияти ҳисоботҳои пешниҳоднамуда ҷавобгӯи талаботи фармоиши болозикр нестанд.

Тибқи ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи бахшҳо дар соли 2021 дар ҶҲАТ 981 ташкилоти ибтидоӣ, 17’191 нафар аъзо ва 11’528 нафар волонтёрон фаъолият менамоянд, ки дар муқоиса ба соли 2020 45 адад ташкилотҳои ибтидоӣ, 2208 нафар аъзо ва 1499 нафар волонтёрон зиёдтар мебошанд.

| | Номгуи филиалҳои ҶҲАТ | ташкилотҳои ибтидоӣ | | аъзоён | | волонтёрон | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | соли 2020 | соли 2021 | соли 2020 | соли 2021 | соли 2020 | соли 2021 |
| 1 | вилояти Суғд | 347 | 373 | 6437 | 6834 | 2717 | 2903 |
| 2 | ВМКБ | 248 | 252 | 2275 | 2343 | 1931 | 1998 |
| 3 | минт. Бохтар | 73 | 76 | 757 | 760 | 1340 | 1859 |
| 4 | минт.Кӯлоб | 101 | 106 | 2615 | 2225 | 854 | 814 |
| 5 | ш. Душанбе | 46 | 46 | 802 | 802 | 69 | 70 |
| 6 | ш.Ваҳдат | 8 | 10 | 420 | 1755 | 300 | 435 |
| 7 | ш. Роғун | 5 | 5 | 102 | 116 | 15 | 47 |
| 8 | ш.Турсунзода | 12 | 13 | 200 | 400 | 20 | 40 |
| 9 | ш. Ҳисор | 3 | 5 | 200 | 540 | 240 | 300 |
| 10 | н.Варзоб | 4 | 6 | 102 | 226 | 235 | 381 |
| 11 | н.Лахш | 14 | 14 | 221 | 281 | 311 | 501 |
| 12 | н.Нуробод | 17 | 15 | 170 | 165 | 295 | 290 |
| 13 | н.Рашт | 27 | 27 | 270 | 270 | 1223 | 1275 |
| 14 | н.Рӯдакӣ | 3 | 4 | 60 | 75 | 91 | 136 |
| 15 | н.Сангвор | 13 | 13 | 136 | 136 | 63 | 68 |
| 16 | н.Тоҷикобод | 13 | 13 | 116 | 113 | 175 | 179 |
| 17 | н.Файзобод | - | - | - | - | - | **32** |
| 18 | н.Шаҳринав | 2 | 3 | 100 | 150 | 150 | 200 |
| **Ҳамагӣ** | | **936** | **981** | **14′983** | **17′191** | **10′029** | **11′528** |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар 2 соли охир фаъолияти шуъбаҳои иқтисоду молия ва таъминоти моддию техникӣ бо сабаби зиёд гаштани лоиҳаву барномаҳои хурд, зиёд гардидани хизматрасониҳо ҷиҳати ҳамду нақли маводҳои ҳаҷман калон аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ тавассути ҶҲАТ зиёд гашта, дар фаъолияти пурсамари ин шуъбаҳо таъсири ҷиддӣ расонид ва кормандони онҳо ҳамеша банд буда, аз иҷрои саривақтии дархосту гузоришҳои шуъбаҳои ДИ КМ ҶҲАТ намебароянд. Аз ин лиҳоз, беҳтар мешавад, ки ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти ин шуъбаҳо роҳбарияти ҶҲАТ чораҳои зарурӣ андешад ва ё кормандони иловагии муваққаттиро ба ин шуъбаҳо ҷалб намояд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади рушди фаъолияти ҶҲАТ ва филиалҳои он, чунин таклифҳо пешниҳод карда мешавад:

- баргузории корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ оид ба пешгирӣ ва хатари бемории COVID-19 ва дигар бемориҳои сироятӣ ва ғайри сироятӣ аз ҷониби кормандони филиалҳои ҶҲАТ ва волонтёрон дар ҳамоҳангсозии зич бо ДИ КМ ҶҲАТ идома дода шавад;
- ба шуъбаи коргузорӣ ва назорати дастгоҳи марказии Ҷамъият дастур дода шавад, ки иҷрои дастуру супоришҳои роҳбариятро дар фаъолияти филиалҳо ва ташкилотҳои тобеи ҶҲАТ таҳти назорати доимӣ қарор диҳад;
- мониторинги мунтазам ва санҷиши фаъолияти филиалҳо аз тарафи шахсони масъули ДИ КМ ҶҲАТ ва филиалҳои он гузаронда шуда, нисбати шахсони

вайронкунандаҳои меъёрҳои қонунгузорӣ, оинномавӣ ва шартномавӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад;
- шуъбаи иҷтимоӣ-тиббӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва филиалҳои ҶҲАТ дастур дода шавад, ки бехатарии кормандон ва волонтёронро ҷиҳати пешгирии бемории коронавирус таъмин намоянд;
- бо мақсади иҷрои саривақтии нақшаҳои молиявӣ аз тарафи филиалҳои ҶҲАТ ба шуъбаҳои иқтисод ва молия, фондрайзинг ва аудити дохилӣ дастур дода шавад, ки масъалаи мазкурро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба роҳбарият таклиф пешниҳод намоянд;
- сарчашмаҳои нави зиёд намудани даромади Ҷамъият аз тарафи масъулин ҷустуҷӯ карда шавад;
- ба шуъбаи фондрайзинг дар ҳамбастагӣ бо аудити дохилӣ дастур дода шавад, ки назоратро аз болои барномаҳои фоидаовари ҶҲАТ дар фаъолияти филиалҳо пурзӯр намоянд;
- раисони комиссияҳои доимоамалкунанда дар муҳлатҳои муайяншуда доир ба фаъолияти комиссияҳо ба роҳбарияти ҶҲАТ маълумот пешниҳод намоянд;
- ташкили мубодилаи омӯзишҳо ва таҷрибаҳо дар байни кормандони ДИ КМ ва бахшҳои ҶҲАТ ба роҳ монда шавад;
- ҷиҳати ҳавасманд гардонидани кормандон ва котибони иҷроияи бахшҳо, инчунин тақсимоти объективонаи барномаҳо дар байни дигар бахшҳои ҶҲАТ ба роҳ монда шавад;
- шуъбаи рушд ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳамбастагӣ бо роҳбарияти ҶҲАТ ва дигар шуъбаҳои ДИ КМ ҶҲАТ ҷиҳати пайдо намудани донорҳои нав чораҳои зарурӣ андешад;
- ба шуъбаи ҳолатҳои фавқулодда, иҷтимоӣ-тиббӣ ва таъминоти моддию техникӣ дастур дода шавад, ки вобаста ба эҳтимолияти рух додани ҳодисаҳои табиӣ ва ҳолатҳои фавқулода дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамаҷониба корҳои омодагиро пурзӯр намуда, лавозимоти зарурииро дар марказҳои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодда ва анборҳои ҶҲАТ ва филиалҳо таъмин намоянд;
- шуъбаи рушд ва ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳамбастагӣ бо масъулони филиаҳои ҶҲАТ нақшаи фаъолиятҳои бехарҷ ва камхарҷро аз ҷониби филиалҳо тартиб дода, ҷиҳати иҷрои он назоратро пурзур намояд.

**Котиби генералии ҶҲАТ** **Қурбониён Б.Б.**
**07.01.2022**